Суханронии намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

21-уми июни соли 2025

Муҳтарам Раиси Шӯрои Парасторон – Доктор Шамш Кассим-Лакха ва аъзои Шӯрои Парасторон!
Муҳтарам Ректори Донишгоҳ, Профессор, доктор Кристофер Ҷон Герри!

Муҳтарам Декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ профессор Хомяков Максим Борисович!

Ҳайъати устодон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ,
Хатмкунандагони азиз ва меҳмонони арҷманд!

Сараввал мехостам аз номи худам ва аз номи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хатмкунандагони соли 2025 - ро барои бомуваффақият хатм намудани Донишгоҳи Осиёи Марказӣ  аз самими қалб табрик намуда, дар корҳо ва таҳсилоти ояндаашон муваффақиятҳои назаррасро орзу намоям. Муборак бошад хатмкунандагони азиз!

Ҳозирини гиромӣ, чи тавре ки ба ҳамаи Шумо маълум аст, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 14  - уми сентябри соли 2018 расман ифтитоҳ гардида буд.

Дар маросими ифтитоҳи расмии Донишгоҳ  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин  қайд карданд:

(Оғози иқтибос) “Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ саҳифаи нав дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат мебошад… Бовар дорам, ки фаъолияти муассисаи навтаъсис на танҳо ба нафъи мамлакати мо мебошад, балки барои густариши ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои минтақа дар соҳаи маориф хизмат хоҳад кард” (Охири иқтибос).

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо ибтикори бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2025 соли умумиҷаҳонии ҳифзи пиряххо эълон гардида буд.

Қобили зикр аст, ки донишгоҳҳо ва пашӯҳишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайравӣ аз ин ибтикори Пешвои муаззами миллат семинарҳо, конферентсияҳо ва тадқиқотҳои илмии зиёдеро ба роҳ мондаанд. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ низ доир ба ин масъала чорабиниҳои илмии зиёдро роҳандозӣ намудаст ва ман мехостам, якчанде аз онҳоро қайд кунам:

a) Барномаи "Ҳифзи муҳит ва истифодаи оқилонаи захираҳои табии " II - конференсияи анъанавии байналмилалии илмӣ-амалиро таҳти унвони "Рушди саноати миллӣ ва геологияи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар" бахшида ба рӯзи Геологияи тоҷик дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, 9 декабри соли 2024 ба роҳ монда буд.
b) Барномаи "Ҳифзи муҳит ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ" Семинари дуюми байналмилалиро оид ба муҳити кӯҳсор таҳти унвони «Пиряххои Осиёи Марказӣ», 10 – 15 октябри соли 2024, дар шаҳри Хоруғ ба роҳ монда буд.
c) Дар таърихи 29 уми майи соли равон Пажуҳишгоҳи манотиқи кӯҳистони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ҳамкорӣ бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон конферентсияи байналмилалиро оид ба пиряхҳо дар шаҳри Душанбе ташкил намуд.
d) Ҳамзамон дар таърихи 29 уми майи соли равон донишҷӯёни Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Форуми ҷавонон оид ба ҳифзи пиряхҳо: Имконият барои насли оянда – "Нидои ҷавонон баҳри ҳифзи пиряхҳо ва ташаббуси онҳо дар роҳи рафъи мушкилоти тағирёбии иқлим" фаъолона ширкат варзиданд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ соли 2000 – ум бо ба имзо расонидани шартномаи байналмиллалӣ аз тарафи президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Қазоқистон ва Имомати Исмоилиён таъсис ёфта буд.

Боиси фараҳмандист, ки яке аз муассисони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва Ҳомӣ-Муассиси он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар амалӣ намудани рисолати худ содиқ монда, дар кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани дастрасӣ ба имкониятҳои босифати таълимӣ барои донишҷӯён дар минтақаҳои гуногуни кишвар саҳми назаррас мегузорад.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ баҳри некӯаҳволии аҳолии манотиқи гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зеринро роҳандозӣ намуд:

1) Лоиҳаи тадқиқотӣ дар мавзӯи “Ҳифз ва идоракунии устувори гуногунии биологии растаниҳои дар зери хатар қарордошта дар ҷамоати Даштиҷуми ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон”.
2) Лоиҳаи тадқиқотӣ дар мавзӯи “Растаниҳои хушбӯи маҳаллӣ ҳамчун механизми мубориза бо ҳашароти зараррасони зироатҳо барои беҳтар кардани амнияти озуқаворӣ ва саломатии инсон”.
3) Мактаби кӯтҳомуддати тобистона дар мавзуъи “Омӯзиши забон, таърих ва фарҳанги тоҷикон” бахшида ба 33-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон. Дар мактаби тобистона 12 донишҷӯ аз кишварҳои Олмон, Италиё ва Ҷопон ширкат намуданд.
4) Донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи эҷодии телевизиони Тоҷикистон, филми дуюми мустанади хешро дар вилояти Хатлон ба навор гирифт. Ин филм, ки “Асори табиат ва осори таърих” ном дорад, дар бораи мавзеъҳои таърихӣ ва фарҳангии вилояти Хатлон, ба хусус Чилучорчашма, Хоҷа Машҳад ва Аҷинатеппа ривоят мекунад.
5) 6 уми майи соли равон Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ семинари тадқиқотиро дар бораи мероси фарҳангӣ ва рушди сайёҳӣ ба роҳ монд, ки дар он махзани иттилоот дар бораи мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва табиии вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муаррифӣ гардиданд.

Умеди ман ин аст, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ташаббусҳои тадқиқотии худро тақвият диҳад то намунаи хубе барои дигар муассисаҳо шавад.

Боиси хушнудист, ки 76% - и донишҷӯён, ки дар ин кампуси байналмилалӣ дар шаҳри Хоруғ таҳсил мекунанд, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз 28 донишҷӯи боистеъдод, ки имрӯз ин Донишгоҳро хатм мекунанд, 23 нафарашон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ман хатмкунандагонро табрик гуфта, ба онҳо дар фаъолиятҳои академӣ ва касбиашон муваффақият орзу мекунам ва Донишгоҳи Осиёи Марказиро барои омодагии хуби онҳо тавассути барномаҳои таълимии ҷиддӣ таҳсин менамоям.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ яке аз камтарин донишгоҳҳои ҷаҳон аст, ки ба беҳбудии сифати зиндагии ҷомеаҳои кӯҳистон тамаркуз мекунад.

Хатмкунандагоне, ки баҳри соҳиби кор шудан талош меварзанд, тавонистаанд ҷойҳои кори назаррас пайдо кунанд ва донишҳои худро дар иқтисодиёт, муҳити зист, технология, расонаҳо ва дигар соҳаҳо истифода баранд, то ба шукуфоӣ ва устувории иқтисодии Тоҷикистон саҳм гузоранд.

Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ММКД) дар солҳои 2023-2024 тавонист беш аз 662 нафар (32% зан) хизматчиёни давлатӣ ва кормандони муассисаҳои давлатиро ба курсҳои забони англисӣ ва русӣ фаро гирад. Ҳоло Мактаби мазкур дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Хоруғ ва Бохтар фаъол аст ва  нақша дорад, ки барномаҳои худро дар Данғара низ ба роҳ монад.

Ҳозирини гиромӣ! Боварии комил дорам, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва  дигар сохторҳои таҳсилотию илмии  Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои густурдаро ба роҳ монда, дар оянда низ дар соҳаи маорифи кишвар саҳми назарраси худро хоҳад гузошт.

Дар охир бори дигар  Шумо хатмкунандагони соли 2025 ва волидайнатонро бо маросими хатми Донишгоҳ табрику таҳният гуфта, барои ҳар яки Шумо муваффақиятҳои калонро орзумандам.

Ҳамеша сарбаланду муваффақ бошед!